**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи “Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Автореферати Исоев Диловарҷон Талисович ба мавзуи мубрам ва муҳимми рушди таъмини ташкилӣ - метөдии системаи ҳисоботдиҳии молиявии бонкҳо бо баҳисобгирии истифодабарии Стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ (СБҲМ) бахшида шудааст. Дар рисолаи мазкур диққати асосӣ ба зарурияти баландбардории сифати маълумоти молиявӣ барои таъмини рушди босуботи бахши бонкӣ равона карда шудааст. Мубрамияти мавзуи мазкур бо нақши афзуншавандаи шаффофият ва боэътимодии ҳисоботдиҳии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод шартнок гардида, ин бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бо дарназардошти «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» тасдиқ мегардад.

Автореферат нигорандаи сатҳи баланди навгонии илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур аз асосноккунии зарурияти татбиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ (СБҲМ) дар бахши фаъолияти бонкӣ, таҳлили масоили ташкилӣ-методӣ ва коркарди тавсияҳо барои ҳалли онҳо иборат мебошад. Дар он самтҳои мушаххаси методӣ, ба монанди марҳилаҳои коркарди сиёсати баҳисобгирии бонкӣ аз рӯи СБҲМ (расми 1, саҳифаи 12) пешниҳод гардидаанд, ки бо пайдарпайии сохторӣ ва татбиқи амалӣ фарқ мекунанд. Асосноксозии нақши муҳокимаи касбӣ дар раванди ҳисоботдиҳӣ ва таҳлили хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо (расми 2, саҳ. 16) аҳамияти амалии таҳқиқотро тасдиқ мекунад.

Навоварии илмии тадқиқот дар таҳияи методикаи ташаккули ҳисоботдиҳии молиявии мунтахаб мебошад (расми 3, саҳ. 18), ки чор марҳилаи асосӣ: омодагии методӣ, амалӣ, ҷамъбастӣ, арзёбӣ ва назоратро дар бар мегирад. Методикаи мазкур дорои сохтори мантиқӣ буда, барои баланд бардоштани самаранокии муттаҳидсозии додаҳо имконот фароҳам меорад.

Рисолаи мазкур дорои сохтори аниқ мебошад. Дар муқаддима муаллиф мубрамиятии мавзуъро асоснок намуда, мақсад ва вазифаҳои

тадқиқотро муайян кардааст, ки ба талаботи кори илмӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Дар боби аввал асосҳои назариявии СБҲМ ва аҳамияти онҳо барои баҳисобгирии бонкӣ баррасӣ карда мешаванд. Боби дуюм ба таҳлили вазъи кунунии низоми ҳисоботдиҳии молиявии бонкҳо дар Тоҷикистон бахшида шудааст, ки он бо маълумотҳои оморӣ тасдиқ гардидааст (ҷадвалҳои 2 ва 3, саҳифаи 22). Боби сеюм пешниҳодҳоро оид ба такмили системаи ҳисоботдиҳӣ, аз ҷумла тавсияҳо оид ба гузаронидани бенчмаркинги молиявӣ дар бар мегирад (расми 7, саҳифаи 23). Аҳамияти амалии кор дар имконоти истифодабарии натиҷаҳои он аз ҷониби бонкҳои Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифати ҳисоботдиҳии молиявӣ ифода ёфтааст. Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои бадастомада дар бонкҳо, аз қабили ҶСК «Бонки Эсхата» санҷида шудаанд (шаҳодатномаи татбиқ №3/276 аз 26.12.2023), ки хусусияти амалии тадқиқотро тасдиқ мекунад.

Бо вуҷуди ин, баъзе ҷанбаҳои таҳқиқот тавзеҳот талаб мекунанд. Масалан, бо дарназардошти вижагиҳои низоми бонкии Тоҷикистон пешбурди баҳисобгирӣ ва амалишавии СБҲМ-ро муфассалтар ифшо кардан муфид хоҳад буд. Аммо ин мушоҳидаҳо аҳамияти таҳқиқоти мазкурро кам карда наметавонанд.

Дар охир бояд гуфт, ки автореферати Исоев Диловарҷон Талисович ба тамоми талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошад. Кор дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, дар сатҳи баланди касбӣ анҷом дода шуда, сазовори баҳои мусбат аст. Унвонҷӯй барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ**
**ва аудити Донишгоҳи байналмилалии**
**сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Раҳимов С.Х.**

***Имзои Раҳимов С.Х.-ро тасдиқ менамоям:***
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**
24 январи соли 2025

**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, бинои №2, утоқи 37, E-mail: saidali-tfi@mail.ru Тел: (+992) 935-04-17-40**